# Тақриз

**ба диссертатсияи Расулзода Рухсора “Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23. 00. 02. - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Забон воситаи асосии ташаккулёбии ҳувияти гурӯҳӣ ва меъёри асосии худшиносӣ ба шумор рафта, ҳамчун объекти муҳимтарини сиёсати давлатӣ мебошад. Дар раванди нави ҷаҳонишавӣ ва зери таъсири тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ қарор ёфтани рафтори одамон ва гуногунзабонии аксари кишварҳои олам боз ҳам фаъолияти онҳоро дигаргун карда истодааст. Дар чунин шароит забонӣ ва ҳамчун воситаи муошират мавқеи худро тағйир дода, ба сифати яке аз масъалаҳои асосӣ миёни пажӯҳишгарону олимони соҳаҳои гуногун муҳиммияти хоси илмӣ пайдо карда истодааст. Ҳамзамон, масъалаи сиёсати забон ва омӯзиши паҳлуҳои мухталифи он дар шароити соҳибистиқлолӣ хусусияти нав зоҳир карда истодааст.

Муҳиммияти асосии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки сиёсати забонӣ ҳамчун унсури муҳимми рушди давлатдории миллӣ нишон дода шуда, ҳадаф ва самтҳои инкишофи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Сиёсати забонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати миллии ҳар як мамлакат ба шумор рафта, дар рушду инкишоф ва устувории муносибатҳои миллӣ ва вазъияти забонӣ нақши муҳим дорад. Сиёсати забонӣ имкон медиҳад, ки меъёрҳои ризоияти миллию ҷамъиятӣ, якрангии иҷтимоӣ, аз байн бурдани шиддати этнополитикӣ дар амал татбиқ карда шаванд. Аз ин рӯ, барои мамлакатҳое, ки ба тозагӣ истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардаанд, сиёсати забонӣ хеле аҳаммиятнок буда, дар раванди давлатории миллӣ нақши меҳвариро иҷро менамояд ва омӯзишу таҳқиқи масъалаи мазкур, хусусан баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти хосса дорад.

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки муҳиммияти пажӯҳиши сиёсати давлатии забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти махсуси худро доранд.

# Тақриз

**ба диссертатсияи Расулзода Рухсора “Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23. 00. 02. - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Забон воситаи асосии ташаккулёбии ҳувияти гурӯҳӣ ва меъёри асосии худшиносӣ ба шумор рафта, ҳамчун объекти муҳимтарини сиёсати давлатӣ мебошад. Дар раванди нави ҷаҳонишавӣ ва зери таъсири тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ қарор ёфтани рафтори одамон ва гуногунзабонии аксари кишварҳои олам боз ҳам фаъолияти онҳоро дигаргун карда истодааст. Дар чунин шароит забонӣ ва ҳамчун воситаи муоширатmavқеи худро тағйир дода, ба сифати яке аз масъалаҳои асосӣ миёни пажӯҳишгарону олимони соҳаҳои гуногун муҳиммияти хоси илмӣ пайдо карда истодааст. Ҳамзамон, масъалаи сиёсати забон ва омӯзиши паҳлуҳои мухталифи он дар шароити соҳибистиқлолӣ хусусияти нав зоҳир карда истодааст.

Муҳиммияти асосии тахкикот дар он ифода мегардад, ки сиёсати забонӣ ҳамчун унсури муҳимми рушди давлатдории миллӣ нишон дода шуда, ҳадаф ва самтҳои инкишофи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Сиёсати забонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати миллии ҳар як мамлакат ба шумор рафта, дар рушду инкишоф ва устувории муносибатҳои миллӣ ва вазъияти забонӣ нақши муҳим дорад. Сиёсати забонӣ имкон медиҳад, ки меъёрҳои ризоияти миллию ҷамъиятӣ, якрангии иҷтимоӣ, аз байн бурдани шиддати этнополитикӣ дар амал татбиқ карда шаванд. Аз ин рӯ, барои мамлакатҳое, ки ба тозагӣ истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардаанд, сиёсати забонӣ хеле аҳаммиятнок буда, дар раванди давлатории миллӣ нақши меҳвариро иҷро менамояд ва омӯзишу таҳқиқи масъалаи мазкур, хусусан баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти хосса дорад.

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки муҳиммияти пажӯҳиши сиёсати давлатии забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти махсуси худро доранд.

Бояд тазаккур дод, ки сиёсати давлатӣ чи гунае ки бошад, сиёсати забон низ дар алоқамандӣ бо он сурат мегирад. Ҳамин тавр, таҷрибаи таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати сиёсати забон ва рушди минбаъдаи самти мазкур дар шароити соҳибистиқлолӣ боз ҳам аҳаммият ва нақши калидии мавзуи мазкурро муҳим арзёбӣ менамояд.

Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Расулзода Р. дар он зоҳир мегардад, ки нақш ва мавқеи забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Кори илмии мазкур ба таври мустақил навишта шуда, навовариҳо ва хулосаҳои дар кор пешниҳодгардида аҳамияти муҳими назариявию амалӣ доранд. Диссертатсияи мазкур кӯшишест дар илмҳои сиёсӣ, ки дар он сиёсати забони давлатӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Расулзода Рухсора факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси сиёсатшинос соли 2017 бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2017 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ дохил шуда, рисолаи номзадиашро дар мавзуи “Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он” омода намуда, ба ҳимоя пешниҳод намудааст. Корҳои илмӣ – таҳқиқотии ӯ дар шаш маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ва се мақолаи дигар дар маҷмӯи маводи конференсияҳо чоп гардидааст.

Расулзода Р. соли 2019 дар озмуни ҷумҳуриявии мақолаи беҳтарин дар мавзуи “Пешвои миллат – поягузори Артиши миллӣ” иштирок намуда, сазовори ҷои аввал ва бо диплом сарфароз гардидааст.

Дар кори диссертатсионии мазкур нишон дода шудааст, ки аввалин кӯшишҳо барои муайян намудани мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ сурат гирифта буданд. Масъалаи забон ҳамеша ба сиёсати давлатдорӣ дар робита қарор дошт, барои пешбурди сиёсати забон силсилаи

қонуну қарорҳо, тадбирҳо андешида шуданд, кумита ва комиссияҳои кориву назоратӣ ташкил карда шуданд.

Дар кори таҳқиқотии Расулзода Р. масъалаи сиёсати забон ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни он дар шароити соҳибистиқлолӣ бо диди нав нишон дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз таҳлили сарчашмаҳои илмӣ паҳлуҳои гуногуни масъаларо равшан намояд. Масъалаи сиёсати забонӣ як аз масъалаҳои муҳимме ба шумор меравад, ки ҳамаи давлатҳо ба он аҳаммияти махсус медиҳанд. Зеро забони тоҷикӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳкими давлату давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи иктисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад.

Аз таҳлили кори диссертатсионии Расулзода Р. хулоса намудан мумкин аст, ки ӯ аз доираи васеи адабиётҳои илмӣ, қонунунҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ, маводҳои таърихӣ, мақолаҳо ва дигар сарчашмаҳои мавҷуда ба таври васеъ истифода намуда, масъалаи сиёсати забониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври амиқ таҳлил намудааст.

Масъалаи сиёсати забонӣ ва хусусиятҳои он яке аз мавзуъҳои муҳим дар илмҳои сиёсӣ дониста мешавад. Рушди бесобиқаи ҷаҳони муосир, махсусан, пешрафти техника ва технологияҳо ба ҳамаи самтҳои зиндагӣ ва фаъолияти одамон таъсири рӯзафзун гузошта истодааст.

Мусаллам аст, ки чунин пешравӣ бо рушди забон робитаи қавӣ дошта, ба ташаккулёбӣ ва ғановатманд гардидани таркиби луғавии он мусоидат менамояд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ дар баробари ҷиҳатҳои мусбат зуҳуроти манфии таъсиргузор, пеш аз ҳама, ба забону фарҳанг ва либоси миллӣ низ доранд. Бинобар ин, масъалаи сиёсати забонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, таҳқиқоти комили илмиро тақозо дорад.

Дар раванди таҳқиқот принсипҳои умумиилмӣ, ба монанди объективият, таърихият, системанокӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва инчунин усулҳои иҷтимоӣ – сиёсии таҳлили вазъи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот корҳои бунёдии

олимони шинохтаи хориҷӣ ва ватанӣ, қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати забонӣ истифода шудааст. Инчунин асоси таҳлилу таҳқиқ аз асарҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар он масъалаҳои марбут ба сиёсати забон ва дурнамои инкишофи забони давлатӣ дахл карда шудааст, сарчашма мегирад.

Ба Расулзода Р. муяссар гардидааст, ки дар асоси маводҳои ҷамъовардашуда аз сарчашмаҳои илмӣ, таҳлили қонунҳо ва барномаҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикстон дар соҳаи забон, паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маводҳои таърихӣ аз Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои дар наздаш гузоштташудаpo иҷро намояд.

Таҳқиқоти илмии Расулзода Р. аз сарсухан, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад ва бо истифода аз методологияи дурусти интихобшуда навишта шудааст. Объекти таҳқиқотро сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он ва мавзуи (предмет) таҳқиқотро сиёсати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои кори диссертатсионии мазкур метавонад барои рушди минбаъдаи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боз ҳам ҷиддитар муносибат кардан ба масъалаи мазкур мусоидат хоҳад кард. Инчунин, ба муҳаққиқони сиёсатшинос метавонад ҳамчун маводи илмӣ хизмат намояд. Мукаррароти асосии диссертатсияи мазкурро метавон дар лексияҳо ва курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба масъалаҳои сиёсати забонӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ истифода гардад. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои дар кор нишондодашуда метавонад дар пешбурди сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Ҳамаи давраҳои иҷроиши накшаи кории илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштташуда ва иҷрои вазифаҳо аз

ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар чараёни таҳқиқот муаллиф роҳҳои амалишавии сиёсати забонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, роҳҳои мукаммалгардонии механизмҳои танзими давлатии сиёсати забон ва дурнамои рушди онро дар Тоҷикистон таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

Кори диссертатсионии Расулзода Р. дар мавзуи: «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» ба талаботҳои КОА ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02. - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**

**Ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**

**доктори илмҳои сиёсӣ,**
**аъзо-корреспонденти АМИТ,**
**профессор** **Муҳаммад А.Н.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 734025
Хиёбони Рӯдакӣ, 33
Тел: (+992) 93 505 15 58
Почтаи электронӣ: tifk@mail.ru

Имзои Муҳаммад А.Н.,
Ноиби президенти АМИТ-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси АМИТ Муродова М.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ